1. При решении поставленных задач, были определены проблемы социально-экономического положения горных регионов Республики Таджикистан и доказана значимость туризма при их решении.  Действительно в горных регионах республики существует ряд проблем, такие как уменьшение численности населения, отсутствие рабочих мест, увеличение доли домохозяйств, состоящих из одного человека, отток населения, в частности молодежи, отсутствие инфраструктуры и т.д. Необходимо отметить, что при решении этих проблем, повышается актуальность формирования и развития экономических систем, одно из составляющих таких систем является туристский кластер.Важно отметить, что туристский кластер не ограничивается только свободными экономическими зонами и его необходимо рассматривать в контексте развития экономических систем в целом [А-1, 3];

2. Согласно проведенному исследованию, туристский кластер не может быть просто равнозначен группе предприятий, так как он представляет собой более сложную и интегрированную систему. Он включает в себя не только предприятия туристской индустрии, но и другие ключевые элементы, такие как туристские аттракции, инфраструктура, услуги поддержки и т.д., также можно рассматривать туристский кластер как свободную экономическую зону. Туристский кластер - охватывает различные формы организации и взаимодействия участников, включая не только экономические, но и социокультурные и институциональные аспекты. Поэтому важно рассматривать туристский кластер как комплексную систему, которая способствует развитию туристской отрасли в горном регионе и обладает своими особыми характеристиками и функциями.

Изучение международного опыта развития туристских кластеров в горных регионах позволило выявить ряд преимуществ кластеризации туризма, что существует особый вид туристского кластера, как экологический туристский кластер, и определить ряд предпосылок, которые привели бы к его появлению и развитию в условиях Республики Таджикистан [А-2, 3];

3. В ходе диссертационного исследования оценен туристский потенциал регионов Республики Таджикистан в рамках кластеризации туризма. Исходя из изученных материалов в рамках решения поставленной задачи, на основе применения метода ССП оценки туристского потенциала региона, стало известно, что в Республике Таджикистан, Хатлонская область имеет огромный потенциал развития туризма с учетом кластеризации туристской отрасли, далее идут Согдийская область, РРП, город Душанбе и ГБАО. Необходимо отметить, что каждый регион имеет свои специфические особенности формирования и развития туристских кластеров, например, в нескольких регионах Хатлонской области можно формировать кластеры в направлениях экологического туризма, в городе Душанбе на базе комплекса Сафед-Дара, можно формировать горнолыжный кластер, который стимулирует развития туристской отрасли в этом регионе Республики Таджикистан [А-5, 7];

4. Инфраструктурные основ формирования и развития туристского кластера в горных регионах республики развиваются, среди регионов Республики Таджикистан с точки зрении инфраструктурной основы туристского кластера город Душанбе является наиболее развитым. Один из методов развития инфраструктуры туризма является правильное финансирование отрасли. Туристская отрасль финансируется из двух источников государственных и негосударственных ресурсов. К негосударственным ресурсам можно отнести финансирование по линии профсоюзов, международных туристских организаций, реклама, спонсорство, аренды помещений и другие, которые мы можем эффективно использовать при формировании и развитии туристских кластеров в горных регионах республики. При изучении вопроса финансирования туризма государственное финансирование может осуществляться в виде налоговых льгот, субсидий или субвенций. Это способствует эффективному использованию ресурсов, повышению конкурентоспособности и качества предлагаемых туристских услуг в регионах Республики Таджикистан, а также улучшению общей туристской инфраструктуры в регионе [А-12];

5. При изучении вопроса развития горных территорий республики с учетом рационального размещения туристских кластеров, была разработана организационная модель формирования и развития туристских кластеров на примере Шахристанского района Согдийской области. В моделе указаны и рассчитаны все необходимые расходы, географические места размещения туристского кластера и получаемых доходов в будущем, а также для дальнейшего развития туристского кластера сформулированы ряд рекомендаций, которые способствуют развитию туристской отрасли в целом [А-7];

6. В ходе исследования были определены туристские территории в Республике Таджикистан, где существует мошной туристский потенциал и

перспективы формирования и развития туристского кластера и развития туристской отрасли в целом, а также рекомендованы пути формирования туристского кластера в Зеравшанском регионе и который требует инвестицию на сумму 100 млн. сомони, и оправдывает себя в течениях 4,5 года. При изучении вопроса формирования туристского кластера предложена балансовая модель развития туризма в Республике Таджикистан, что между основными составляющими туристской отрасли (посещение туристов, количество коек в гостиницах, перевозок пассажиров) баланс не наблюдается, если увеличим 22% первое, 23,2% второе и 1,8 % третье составляющее, то находим баланс между основными составляющими туристской отрасли Республики Таджикистан. Балансовое развитие туристской отрасли Республики Таджикистан способствует индустриализации туризма и предоставит условие формирования и развития туристских кластеров в горных регионах республики [А-5, 7].

## Рекомендации по практическом использованию результатов исследования

1. В настоящее время все большую актуальность приобретает формирование и развитие туристских кластеров особенно в Республике Таджикистан. В отличие от других кластеров, туристские кластеры в горных регионах возникают и развиваются спонтанно и часто происходит в латентной форме, что может затруднять освоение потенциала кластера из-за туристских формальностей. Несмотря на то, что туристские кластеры еще не так распространены, как индустриальные кластеры, они имеют свои особенности. Эти особенности крайне важно принимать во внимание при формировании и развитии туристских кластеров в разных регионах Таджикистана, также учитывать региональную специфику туристского кластера в процессе внедрения и развития туристских кластеров [А-1, 3];

2. В диссертации был проанализирован современный этап развития туристских кластеров в горных регионах Республики Таджикистан, и выявлены факторы, которые оказывают наибольшее влияние на развитие туристских кластеров. Хотя опыт формирования и развития туристских кластеров в Республике Таджикистан пока еще недостаточно накоплен, в диссертации были исследованы успешные зарубежные примеры создания и развития туристских кластеров в горных регионах. Эти опыты могут быть использованы в контексте формирования и развития туристских кластеров в различных регионах Таджикистана. Проведенный анализ эффективных практик и опыта других стран позволяет выделить ключевые факторы успеха и адаптировать их под местные условия. Такие рекомендации могут быть использованы в планировании и реализации стратегий развития туризма в горных регионах Таджикистана, способствуя повышению их конкурентоспособности и привлечению большего числа туристов.

Анализ эффективного формирования и развития туристских кластеров в горных регионах, с учетом изучения передового опыта современного мира показал, что, при формировании и развитии туристских кластеров необходимо учитывать следующее ключевые факторы успеха:

- модернизация существующих туристских комплексов во всех регионах Республики Таджикистан;
- решение проблемы медицинского обслуживания и страхования туристов;
- формирование единых туристских маршрутов и продуктов;
- решение вопросов доступности информации о туристской направлений для туристов [А-1, 10];

3. Анализ показал, что регионы Республики Таджикистан, имеют разнообразные туристские привлекательности, например, используя привлекательности города Душанбе на базе туристского комплекса Ходжа Обигарм можно формировать и развивать туристский лечебно-оздоровительный кластер. При этом необходимо, чтобы государство оказало действенную помощь, которое может выражаться во введении льготного режима налогообложения, предоставлении субсидий, оказании содействия в решении маркетинговых задач, защите от коррупционной деятельности, проведении за счет государственных средств работ по строительству дорог, проездов и т.д. В ряд других регионов Республики Таджикистан, как города Пенджикент (Саразм – древнейшее последние оседлых народов Центральной Азии, живших с четвертого тысячелетия до конца третьего до нашей эры), город Гиссар (Гиссарская крепость), район Восе (Хулбук – это крупный исторический комплекс), город Куляб (Мавзолей Мир Саида Али Хамадони 14-17 века), город Истаравшан (Крепость Муг и город - музей), город Худжанд (Мавзолей Шайха Муслихиддина и много другие исторические мест), есть возможность формирования и развития историко-туристских кластеров, потому что в этих регионах стихийно сложились фундамент для формирования туристского кластера [А-5, 9];

4. Были проанализированы пути и этапы финансирования развития инфраструктурной основы туризма в Республике Таджикистан. В этом контексте разработана алгоритм финансирования формирования и развития туристских кластеров в условиях горного региона, а также выявлены основные источники финансирования туристской отрасли и предложена структура основных источников финансирования туристского кластера. Последний способствует эффективному использованию ресурсов, повышению конкурентоспособности и качества предлагаемых туристских услуг в регионах Республики Таджикистан, а также улучшению общей туристской инфраструктуры в регионе [А-1, 12];

5. В проведенном исследовании выявлено, что в настоящее время в Республике Таджикистан недостаточно изучено разнообразие туристской территории и возможности формирования туристского кластера, поэтому необходимо формировать группы экспертов по вопросам изучения туристской привлекательности регионов республики. В работе предложена экономико-организационная модель рационального размещения туристских кластеров на примере Шахристанского района Согдийской области Республики Таджикистан, с необходимостью провести анализ рынка, определить основные конкурентные преимущества каждого региона и разработать соответствующие стратегии и планы действий, с учетом потребностей и специфики туристского сектора каждого региона. При

кластеризации туризма в некоторых регионах республики граничные условия играют важную роль, в этом контексте необходимо заключить межправительственные соглашения разного уровня, такой подход могут стать ключевым фактором формирования туристского кластера, который требует значительной государственной поддержки [А-7];

6. В настоящее время большинство развивающихся туристских комплексов в Республике Таджикистан относятся к категории рекреационного туризма. В то же время, следует отметить, что имеется значительный потенциал для развития туристских кластеров, фокусирующихся на экологическом, этнографическом и историческом туризме, в регионах ГБАО, Согдийской области, Хатлонской области и РРП. Эти регионы обладают удобным географическим положением, способствующим развитию указанных видов туризма и его кластеризации. Проведенный в работе анализ подтверждает отсутствие баланса между основными составляющими сферы туризма, и для решения данной проблемы была предложена методика формирования и развития туристского кластера в горных регионах, которая состоит из трех основных этапов: первый этап включает предварительное изучение и оценку потенциала региона, а также определение наличия предпосылок для создания туристского кластера; второй этап связан с разработкой стратегии и плана развития кластера, включающий определение его целей, задач, структуры и перечень мероприятий; третий этап связан с реализацией стратегии и плана развития, включая организацию необходимых ресурсов, координацию действий и мониторинг процесса развития кластера [А-5, 8].

## СПИСОК ПУБЛИКАЦИЙ АВТОРА ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ:

### а) статьи в рецензируемых изданиях:

**[1-А].** Махкамов, Ф. Ф. Формирование туристских кластеров - фактор развития горных регионов Таджикистана [Текст] / Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 9. – С. 188-198 (1 п. л.). – ISSN: 2413-5151.

**[2-А].** Махкамов, Ф. Ф. Модели консептуалии кластерҳои сайёҳӣ дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ [Матн] / Ф. Ф. Махкамов, Х. У. Умаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №. 1-2(110). – С. 270-276 (0,6 п.л.). – ISSN: 2663-5534.

**[3-А].** Махкамов, Ф. Ф. Теоретические подходы к определению туристских кластеров [Текст] / Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 10. – С. 170-177 (0,7 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

**[4-А].** Махкамов, Ф.Ф. Особенности оказания гостиничных услуг в период пандемии COVID-19 [Текст] / Х. Р. Шарипова, Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2020. – № 4-1(33). – С. 121-127 (0,5 п.л.). – ISSN: 2308-054X.

**[5-А].** Махкамов, Ф.Ф. Моделирование развития туристской отрасли Республики Таджикистан на основе балансовой модели [Текст] / И. З. Сарабекова,

Ф. Ф. Махкамов // Государственное управление. – 2020. – № 2(46) – С. 182-190 (0,5 п.л.). – ISSN: 2664-0651.

**[6-А].** Махкамов, Ф.Ф. Дополнительные услуги как фактор обеспечения конкурентоспособности гостиничных предприятий [Текст] / Х. Р. Шарипова, Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 9. – С. 52-57 (0,4 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

**б) в других изданиях:**

**[7-А].** Махкамов, Ф. Ф. Развитие горных регионов Республики Таджикистан на основе формирования туристских кластеров [Текст] / Ф. Ф. Махкамов // Россия и мир в новых реалиях: изменение мирохозяйственных связей: материалы XII Евразийского экономического форума молодежи, Екатеринбург, 26–29 апреля 2022 года / Уральский государственный экономический университет. Том 2. – Екатеринбург: Уральский государственный экономический университет. – 2022. – С. 38-40 (0, 2 п.л.).

**[8-А].** Махкамов, Ф.Ф. Применение VAR – модель при прогнозировании в туризме [Текст] / Ф.Ф. Махкамов // Материалы международной научной – практической конференции на тему «индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики». – Душанбе, 27 февраля 2020 г. – С. 399-402 (0,25 п.л.).

**[9-А].** Махкамов, Ф.Ф. Декомпозиционная модель как стратегическое планирования развития туризма [Текст] / Ф.Ф. Махкамов, Б.Т. Дустов // Международной научно-практической конференции “Актуальные проблемы формирования информационного общества в Республики Таджикистан: состояние и перспективы развития”. – 2018. – С. 141-143 (0,35 п.л.).

**[10-А].** Махкамов, Ф. Ф. Роль модели развития рынка туризма в социально-экономической системы Республики Таджикистан [Текст] / Ф. Ф. Махкамов, Х. Р. Шарипова // Образование и наука в 21 веке: современные тенденции и перспективы развития: материалы международной научно-практической конференции, посвященной 70-ой годовщине со дня образования Таджикского национального университета. – 2018. – С. 187-191 (0,25 п.л.).

**[11-А].** Махкамов, Ф.Ф. Роль системного анализа в туризме [Текст] / Ф.Ф. Махкамов // Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состав и сотрудников ТНУ, посвященной “20-ой годовщине Дня национального единства” и “Году молодёжи”. – 2017. – С. 214-215 (0,25 п.л.).

**[12-А].** Махкамов, Ф.Ф. Основные проблемы туристских фирм Республики Таджикистан в современных условиях [Текст] / Ф.Ф. Махкамов, С. Камарова // Материалы общеуниверситетского научно-теоретического круглого стола на тему “Актуальные проблемы менеджмента в современных условиях”. – 2019. – С.117-120 (0,25 п.л.).

**[13-А].** Махкамов, Ф.Ф. Рациональное распределение туристских ресурсов в рамках кластерного подхода [Текст] / Ф.Ф. Махкамов // Республиканской научно-теоретической конференция на тему: “Перспективы развития

менеджмента и маркетинга в услофиях цифровой экономики”. – 2022. – С.318-321 (0,25 п.л.).

**[14-А].** Махкамов Ф.Ф., Экономическая модель туризма большого города [Текст] / Махкамов Ф.Ф., // Республиканской научно-практической конференции на тему “Управление развитием человеческих ресурсов в современных условиях: концепции, тенденции и вызовы”. – 2017. – С.312-317 (0,2 п.л.).

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 338.48+311.313 (575.3)**
**ТБК: 65.04 (2Т)**
**М-36**

***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**МАХКАМОВ ФУРҚАТ ФОЗИЛОВИЧ**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КЛАСТЕРҲОИ САЙЁҲӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ КӮҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ

**ДУШАНБЕ – 2024**

**Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро карда шудааст**

**Роҳбари илмӣ:** **Умаров Хоҷамахмад Умарович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Амонова Дилбар Субҳоновна** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи «Менеҷмент ва маркетинг»-и Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон

**Машокиров Ҷаҳонгир Неъматуллоевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмоннавозии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Ведущая организация:** Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҳимоя санаи 30 апрели соли 2024 соати $13^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА–063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. телефони котиби илмӣ: +992 907755655.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва тавассути сомонаи расмии www.iutet.tj. шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___»________________соли 2024 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Исмоилов А.А.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои таъмини рақобатпазирии он зарур мебошад. Яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар шароити Тоҷикистон соҳаи сайёҳии кишвар мебошад, ки аҳаммияти он дар сохтори иқтисоди миллӣ бо мавҷудияти иқтидори бузурги рушди он асоснок карда мешавад. Сайёҳӣ дар шароити кӯҳии Тоҷикистон ҳамчун бахши муҳими васеъкунии шуғли аҳолӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва таъмини ҷалби асъори хориҷӣ, инчунин баланд бардоштани ҷолибиятнокии сармоягузории кишвар ва минтақаҳои он ба шумор меравад.

Мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба рушди сайёҳӣ таваҷҷуҳӣ махсус медиҳанд. Айни ҳол сайёҳӣ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, Амрико, Шарқи Наздик ва Африқо босуръат инкишоф ёфта истодааст. Афзоиши сайёҳии байналхалқӣ ҳамасола аз 4 то 6 фоизро ташкил медиҳад, ки бо суръати афзоиши дигар бахшҳои иқтисоди воқеӣ муқоиса намудани он душвор мебошад. Дар чунин шароит ҳукуматҳои кишварҳои пешрафта барои беҳбуди инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти татбиқи барномаҳои стратегии рушди соҳа маблағҳои калон ҷудо мекунанд. Дар баробари ин, хусусияти хоси рушди бахши сайёҳӣ дар кишварҳои пешрафта ба чорабиниҳои кластерикунонии ширкатҳои сайёҳӣ ба шумор меравад.

Дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2023 қайд мегардад, ки “Дар солҳои 2018 – 2023 барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ чор лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 330 миллион сомонӣ амалӣ гардида, илова бар ин, ба субъектҳои соҳа аз ҷониби низоми бонкии кишвар зиёда аз 300 миллион сомонӣ қарзи имтиёзнок ҷудо карда шудааст. Дар ин давра 1450 иншооти сайёҳӣ бунёд гардида, соли 2023 шумораи сайёҳон ба як миллиону дусад ҳазор нафар расидааст. Вале таъкид менамоям, ки имкониятҳои барои рушди соҳа истифоданашуда ҳанӯз хеле зиёданд... Бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, инчунин, рушди сайёҳӣ дар ин самт пешниҳод менамоям, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида – Агентии ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ таъсис дода шавад”[3].

Бояд қайд кард, ки дар кишвар “Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030” амали шуда истодааст. Тезонидани раванди татбиқи босамари ҳадафҳои Стратегияи мазкур мусоидат намудан ба ташаккули чунин ҷанбаҳои муҳими соҳаи сайёҳии кишварро дорад, аз ҷумла: «ташаккули заминаҳои институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ, ташаккули инфрасохтори муосири соҳаи сайёҳӣ, таҳкими иқтидори сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили оқилонаи таблиғ ва оммавӣ гардонии ҳамаҷонибаи он, таъмини рақобатпазирии соҳаи сайёҳӣ дар асоси баланд бардоштани сифату малакаи кадрӣ ва шуғли пурсамар дар соҳаи сайёҳӣ, мутобиқшавӣ ба талаботҳои байналмилалӣ ва таъмини амнияти сайёҳон, таъсис ва рушди

---

[3] Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики / Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. – Душанбе, 28.12.2023. – Электронный ресурс. Режим доступа: http://prezident.tj/ru/node/32195

кластерҳои сайёҳӣ (маҷмуи ҳудудҳои инфиродии сайёҳӣ ва рекреатсионӣ) ва таъмини инноватсия ва сармоягузорӣ дар рушди сайёҳӣ, саноат ва ғайра»[4].

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ метавонанд воситаи рушди шароити иҷтимоию иқтисодии ин минтақаҳо гарданд. Илова бар ин, кластеризатсияи соҳаи сайёҳӣ омили асосии ноил шудан ба параметрҳои рақобатпазирӣ ва рушди устувори он мебошад. Ҳамзамон, шакли кластерии идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ ба баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории онҳо, баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ҳавасмандгардонии воридшавии сайёҳон мусоидат карда, барои оммавӣ гардидани намудҳои гуногуни сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ шароит фароҳам меорад.

Айни ҳол дар адабиёти илмии иқтисодии ватанӣ коркардҳои консептуалӣ ва методологие, ки ба омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нигаронида шудаанд, амалан вуҷуд надоранд. Мушкилот ва дурнамои татбиқи усули кластерӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақаҳои кӯҳӣ кам омӯхта шудааст. Маълумоти дар боло овардашуда мубрамияти таҳқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Асосҳои консептуалӣ ва методологии равиши кластер дар корҳои олимону мутахассисон соҳа, аз ҷумла Т. Андерсон, И.Н. Денисова, С.Р. Древинг, К.В. Екимова, А.Е. Илларионова, Т.И. Клименко, Н.А. Корчагина, Е.В. Куркудинова, Н.А. Ларионова, Э.И. Мантаева, Ю.Б. Миндлин, А.В. Наумов, М. Портер, Е.В. Федина, М. Энрайт, Т.Д. Низомова ва дигарон инъикос ёфтааст.

Хусусиятҳои равиши кластерӣ дар сайёҳӣ, ҷанбаҳои методологии муайянкунӣ, ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар корҳои О.В. Белитская, А.Е. Бойко, О. Бунаков, Т.И. Дутова, Е.Г. Карпова, В.И. Кружалин, И.С. Милославский, А.В. Митрофанова, Н.В. Недосвитий, С. Нордин, Н.Н. Пидгурская, А.А. Рябтсев, З.И. Созиева, Т. Спенсер, Л.А. Улянченко, Н.В. Шабалина, Б. Шмит ва дигарон баррасӣ шудааст.

Омӯзиши масъалаҳои рушди минтақаҳои кӯҳӣ, нақши сайёҳӣ дар рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои илмию таҳқиқоти олимони ватанӣ ба монанди Ҳ.У. Умаров, Х.М. Муҳаббатов, Ф.С. Обидов, У.С. Асрорзода, Р.Р. Қудратов, И.Х. Самандарзода, Т.Р. Ризоқулов, Д.С. Амонова, Р.Д. Диловаров, Ф.Р. Шаропов, Н.Н. Сайфуллоев, Х.Р. Шарипова, Ҷ.Н. Ёров, Ф.Н. Мирбобоев, М.И. Кадирова, С.Х. Рахимов, Д.Б. Қодирзода ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки мушкилоти рушди сайёҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи таркиб ва хусусиятҳои фаъолияти кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ инчунин оид ба ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ тавсияҳои методии кофӣ коркард нашудаанд.

---

[4] Стратегия развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года. Постановление Правительство Республики Таджикистан от 1-го августа 2018г., №372. Электронный источник: Официальный сайт «Комитет по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан»: www.ctd.tj.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи илмӣ дар асоси мазмуну муҳтавои санадҳои муҳимми бахши рушди иқтисодии кишвар таҳия шудааст, ки онро мухтасаран ба таври зайл меорам: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, (Боби 1, банди 1.4. – Давраҳои амалисозӣ, марҳилаи 3 – Марҳилаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо (солҳои 2026-2030), ки қайд мегардад, «… Дар ин марҳилаи гузариш диверсификатсияи рушди иқтисодӣ аз ҳисоби интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, … сайёҳӣ ва соҳаҳои хизматрасониҳои соҳибкорӣ дар мадди аввал меистанд», саҳ. 23-24; банди 4.2. – Солимӣ ва дарозумрӣ «… бунёди кластери байниҳудудии тиббию эҳёгарӣ дар заминаи иқтидори рекреатсионии ҷумҳурӣ», саҳ.51-52, ва ғайраҳо); Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, (Боби 3, банди 2 – Сайёҳӣ дар иқтисоди байналхалқӣ. Асосҳои рушд ва афзалиятҳои рақобатпазири соҳаи сайёҳии Тоҷикистон, ки дар ин ҷой қайд шудааст, ки «… сайёҳӣ дар бисёр ҳолатҳо воситаи дастгирии минтақаҳо, хусусан минтақаҳои кӯҳӣ ва мавзеъҳои алоҳида, ки дорои дигар воситаҳои рушди иқтисодинабуда ба ҳисоб меравад ва он сарчашмаи калидии баланд бардоштани сатҳи зиндагии деҳот ба шумор меравад»), саҳ.12; Боби 3, банди 1 – Соҳаи сайёҳии Тоҷикистон дар соли 2030 (пешгӯӣ, мақсад ва вазифаҳо), дар ин банд қайд шудааст, ки «… ташкил ва рушди кластерҳои сайёҳӣ, таъминнокии инноватсияҳо ва сармоягузории рушди соҳаи сайёҳӣ» саҳ.7; Боби 6. Имкониятҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тақсимоти минтақавӣ, банди 5. Вилояти Суғд «…Вилояти Суғд дорои таъриху фарҳанги ғании бостонӣ буда, дар бисёре аз шаҳру навоҳии вилоят як қатор мавзеъҳои таърихӣ мавҷуданд, … ноҳияи Шаҳристон, шаҳри қадимии Шаҳристон-Қаҳқаҳа» саҳ. 32; ва ғайраҳо), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳӣ» аз 7 августи соли 2020, инчунин нақшаи перспективии КИТ кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ.** Мақсади таҳқиқотӣ диссертсионӣ асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккул ва рушди онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда бояд дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаҳои зерин ҳал карда шаванд:**

– омӯзиши равишҳои назариявии муайян кардани аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ дар системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ;

– асоснок намудани асосҳои методологӣ, принсипҳо ва усулҳои ташкил ва рушди кластери сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ бо назардошти омӯхтани консепсияи илмӣ-назариявӣ ва таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон;

– таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии иқтидори сайёҳии минтақҳои кӯҳии Тоҷикистон, инчунин муайян намудани заминаи инфрасохтори ташкил, ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ;

– таҳлил ва баҳодиҳии тамоюлҳои рушд, марҳилаҳои сармоягузорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои зарурӣ барои ташкили кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳияи равишҳои ҷойгиркунии оқилонаи кластерҳои сайёҳӣ бо назардошти пурзӯр намудани чорабиниҳои дастгирии давлатии рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– бо усули тавозунӣ муайян намудани дурнамои рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мавҷудияти иқтидори сайёҳӣ.

**Объекти таҳқиқот** механизми ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкилӣ мебошад, ки дар ҷараёни ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Рушди устувори минтақаҳои сайёҳӣ бояд дар асоси омӯзиши мунтазами моделҳо, механизмҳо ва равишҳое, ки ба муттаҳидсозии кӯшишҳои умумӣ дар доираи кластерикунонии соҳавӣ мусоидат мекунанд, амалӣ карда шавад. Набудан ё нокифоягии таҳқиқоти чунин равишҳо барои рушди минтақаҳои сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, худи сайёҳон, шароити мусоиди кору зиндагии аҳолии маҳаллие, ки дар минтақаҳои кухӣ зиндагӣ мекунанд, як қатор мушкилотҳоро ба вуҷуд меорад. Татбиқи равишҳои кластерӣ дар соҳаи сайёҳӣ рақобатпазирии ширкатҳои ватаниро таъмин намуда, дар маҷмуъ ҷалби сармоягузории соҳаро беҳтар хоҳад кард.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** ба коркардҳои илмҳои бунёдӣ ва амалии олимони ватанию хориҷӣ оид ба назарияи равиши кластерӣ, принсипҳои илмии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, мақолаҳо ва гузоришҳои илмӣ оид ба ташаккули кластерҳои сайёҳӣ, истифодаи дастовардҳои инноватсионӣ ва таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ дар масъалаҳои рушди кластерҳои туристӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ асос ёфтааст. Муқаррароти алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муқаррароти назариявии рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ асос ёфтааст.

**Асосҳи методологии таҳқиқот.** Барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда усулҳои умумии илмии таҳқиқот, аз ҷумла усули таснифот, абстрактӣ-мантиқӣ, монографӣ, оморӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва муқоисавӣ, усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва мантиқӣ, синтез истифода шудаанд. Воситаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлили системавӣ, иқтисодию оморӣ, омӯзиши миқдорӣ ва сифатӣ ба ҳисоб мераванд. Муқаррароти асосии таҳқиқоти илмӣ бо усулҳои экспертии ба даст овардан ва коркарди иттилоот, усулҳои нақшавию тасвирӣ ва матнии тасвири натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шуданд.

**Сарчашмаи иттилоотии таҳқиқот** аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди минтақаҳои кӯҳӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид

ба рушди сайёҳӣ, маводҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоту идораҳои дахлдор иборат мебошад. Инчунин, ҳангоми навиштани диссертатсия, маводҳои конференсияҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ оид ба мушкилоти равиши кластерӣ дар самти сайёҳӣ ва рушди минтақаҳои кӯҳӣ, маълумоти расмии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои ВАО ва интернет-захираҳо истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқотӣ**. Диссертатсия дар заминаи кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** ба асосноккунии асосҳои назариявию методологии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар шароити муосир ба ҳисоб рафта, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва рушди он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ба натиҷаҳои асосии илмӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадааст ва элементҳои асосии навгонии илмиро инъикос мекунад, инҳоянд:

– нақш ва аҳаммияти сайёҳӣ дар системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ бо назардошти муайян кардани таъсири мустақим ва ғайримустақими сайёҳӣ ба фаъолияти системаи иқтисодӣ, ки имконияти таҳияи модели консептуалии ташаккул ва рушди кластери сайёҳӣ дар асоси асосноккунии моҳият, ҳадафҳо, вазифаҳо, принсипҳо ва натиҷаҳои пешбинишудаи иқтисодию иҷтимоии сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ дар асоси таснифоти мавзеъҳои сайёҳӣ аз рӯи хусусиятҳои хоси онҳо, аз ҷумла ҷойгиршавии объектҳо нисбат ба ҳудуди атроф, навъи бартаридоштаи фаъолияти сайёҳӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳиро медиҳад;

– тафсири муаллифии мафҳуми «кластери сайёҳӣ» ҳамчун шакли ташкили истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ, ки дар заминаи имконоти сайёҳӣ ташаккул ёфта, аз маҷмуи корхонаҳои бахши сайёҳӣ ва инфрасохторҳои он, инчунин робитаҳо ва муносибатҳои байни онҳо бо назардошти хусусиятҳои хоси раванди фаъолияти кластери сайёҳӣ дар асоси мушаххас кардани вазифаҳои функсионалии унсурҳои он ба монанди асоси кластер, таъминкунандагони хизматрасонии сайёҳӣ, муассисаҳои таълимӣ, муҳити соҳибкорӣ, муҳити мусоидкунанда, муҳити меъёрӣ иборат аст, пешниҳод шудааст;

– бо назардошти баҳодиҳии иқтидори сайёҳии минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон мушкилот ва имкониятҳои асосии рушди сайёҳӣ ҷудо карда шуда, имкон медиҳад номувофиқатҳои сохторӣ дар низоми идоракунии соҳаи сайёҳӣ, ки инъикоскунандаи номутобиқати маблағгузории соҳаи сайёҳӣ, вазъи инфрасохтори сайёҳӣ, системаи имтиёзи давлати барои дастгирии ширкатҳои сайёҳӣ, таъминоти кадрӣ ва ғайра, ки дар маҷмуъ барои пайдоиши ташаббусҳои кластерӣ дар соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ монеа мегарданд, муайян карда шудаанд;

– нишондиҳандаҳои асосии муайянкунандаи заминаҳои инфрасохтории кластерҳои сайёҳӣ дар шароити минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон бо назардошти муайян намудани принсипҳо ва марҳилаҳои

асосии маблағгузории рушди кластерҳои сайёҳӣ дар асоси таҳияи алгоритми қабули қарорҳои имконпазир оид ба ҳаҷм ва муҳлати маблағгузории равандҳои кластерикунонии соҳа ҳангоми муайянкунии сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ мураттаб карда шудааст;

– равишҳои ҷойгиркунии оқилонаи кластерҳои сайёҳӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси ҷойгиршавии ҷуғрофии объектҳои сайёҳӣ дар асоси муайян кардани принсипҳои асосии татбиқи самараноки онҳо мушаххас карда шуданд. Барои татбиқи оқилонаи равиши кластерӣ дар соҳаи сайёҳӣ меъёрҳои асосии ҷойгиркунии объектҳои сайёҳӣ муайян гардида, модели ташаккули кластери сайёҳӣ дар ноҳияти Шаҳристони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пурзӯр намудани тадбирҳои дастгирии давлатӣ, инчунин хароҷоти асосӣ барои ташкил ва рушди кластери сайёҳӣ, даромад аз лоиҳаи мавҷуда ҳисоб ва пешгӯӣ карда шудааст;

– консепсияи ташкили кластери сайёҳӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди зист барои аҳолии ноҳияҳои кӯҳӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ ва таъмини бозори нави ҳунарҳои мардумӣ бо назардошти муайян намудани минтақаҳои дорои имконоти мусоиди воқеъ дар наздикии системаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар асоси таҳияи нақшаҳои дарозмуддат асоснок карда шудааст, ки ташкили равиши кластерӣ дар соҳаи сайёҳӣ метавонад барои рушди минбаъдаи вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина ба миён орад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– омӯзиши равишҳои иқтисодӣ, муҳоҷиратӣ, меъёрӣ ва соҳавӣ, барои муайян намудани аҳаммияти иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ дар системаи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ, бо назардошти муайянкунии консепсияи сайёҳие, ки моҳият, мақсад, вазифа ва функсияҳои сайёҳӣ дар шароити Тоҷикистони кӯҳӣ мебошад;

– асоснок кардани принсипҳо ва усулҳои асосии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ бо назардошти тафсири мундариҷаи кластери сайёҳӣ дар асоси омӯхтани таҷрибаи давлатҳои рушдкардаи ҷаҳон ва пешниҳоди модели консптуалии кластери сайёҳие, ки дар он элементҳои асосӣ ва таркиби кластерҳои сайёҳӣ муайян карда шудаанд;

– нишон додани самтҳои самарабахш дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ дар асоси баҳодиҳии нишондиҳандаҳои муҳими иқтидори сайёҳии минтақаҳо ба монанди самтҳои фарҳангию табиӣ, ташкилдиҳандаҳои иқтисодию инфрасохторӣ;

– муайян кардани принсипҳо ва марҳилаҳои асосии маблағгузории рушди кластерҳои сайёҳӣ, бо назардошти муайянкунии сарчашмаҳои асосии маблағгузории кластери сайёҳӣ дар асоси омӯзиши мушкилотҳои инфрасохтории мавзъҳои сайёҳии минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– пешниҳоди модел оид ба ҷойгиркунии оқилона ва рушди кластери сайёҳӣ бо назардошти хусусияти муҳими ҷойгиршавии ҷуғрофии объектҳои сайёҳӣ ва пешниҳоди тавсияҳои муҳим оид ба такмилдиҳии дастгириҳои давлатӣ;

– дар асоси татбиқи усулҳои мувозинатӣ муайянкунии самтҳои перспективии рушди ҳолатҳои иқтисодии минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ бо назардошти кластерикунонии сайёҳӣ, ки шароити мусоиди зисти аҳолӣ ва таъмини бозори нави фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумиро фароҳам меорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки хулоса ва тавсияҳои асосии онро метавон барои таҳияи тадбирҳои ташкилию иқтисодии ташкили кластери сайёҳӣ дар минтақаи кӯҳӣ ва идоракунии рушди онҳо истифода бурд. Истифодаи натиҷаҳои инфиродии таҳқиқот оид ба ташаккули кластери сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва таҳлили заминаҳо ва омилҳои ташкили он манфиати амалӣ дорад. Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ овардашударо дар раванди таълим хангоми тайёр кардан ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ.** Дурустии натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада бо истифодаи манбаъҳои оморӣ ва воқеии иттилоотӣ нисбат ба объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ, миқдори зиёди маълумотҳо оид ба кластери сайёҳӣ вобаста ба минтақаҳо тасдиқ карда карда шудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба истифодаи махзани васеи омори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои баррасишаванда, инчунин маълумот аз сомонаҳои расмии Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ асос меёбад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Муқаррароти назариявӣ ва методологии диссертатсия, ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ), аз ҷумла: 4. Нақш ва мавқеи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ; 10. Танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти корхонаҳо, ташкилотҳо ва комплексҳо дар соҳаи сайёҳӣ ва рекреатсия. Таносуби фишангҳои бозорӣ ва давлатӣ дар рушди соҳаҳо ва комплексҳои соҳаи сайёҳӣ; 11. Вижагиҳои рушди ташкилот ва муассисаҳои комплексҳои сайёҳию рекреатсионӣ; 12. Иқтисодиёти ҳудудҳои сайёҳӣ ва таъмини рақобатпазирии онҳо; 13. Иқтидори захиравии соҳаи сайёҳӣ. Ҷойгирнамоӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ ва омилҳои асосии таъминкунандаи он; 29. Асосҳои ташкилию иқтисодии рушди сайёҳии минтақавӣ; 33. Методҳои таҳлил ва пешгӯии рушди сайёҳии дохилӣ дар минтақа; 34. Механизми дастгирии давлатии шаклҳои соҳибкорӣ дар сайёҳӣ дар Тоҷикистон; 35. Таъсири иқтисодии саноати сайёҳӣ дар рушди намудҳои алоҳидаи саноат мутобиқат дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона анҷом дода шуда, муқарраротҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда шахсан аз ҷониби унвонҷӯ таҳия гардидааст. Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ,

таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Муаллиф мустақилона мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмиро муайян намуда, маҷмуи усулҳоро барои таҳлили маълумотҳои ибтидоӣ, ки ба вазифаи гузошта шуда мувофиқ аст, моҳирона интихоб ва истифода бурдааст. Муаллиф шахсан маҷмуи пурраи ченакҳои заруриро дар ҳама қисмҳои таҳқиқоти илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои илмии бадастомадаро қоркард намудааст ва хулосаю пешниҳодҳои худро дар шакли мухтасар пешниҳод кардааст. Муаллиф аз натиҷаи таҳқиқоти илмӣ якчанд маротиба дар конференсияҳо ва форумҳои илми баромад намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар Форуми XII-и Иқтисодии Авру-Осиёи Ҷавонон, (ш. Екатеринбург, Федератсияи Русия, 26-29 апрели соли 2022) ва дар Форуми VI байнулмилалии «Муколама дар соҳили Волга: сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ дар асри 21» (Волгоград, Федератсияи Русия, 2019), инчунин дар конференсияҳои илмию амалӣ ва методӣ ба монанди конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Дуромадҳои рушди менеҷмент ва маркетинг дар шароити иқтисоди рақамӣ (Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон 2022); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Имкониятҳо ва дурнамои рушди минтақаи озоди иқтисодии сайёҳӣ дар Бухоро» (ш. Бухоро, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, 2017); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мушкилотҳои актуалии ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Ҳолатҳо ва дурнамои рушд» (ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018); конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Маориф ва илм дар асри 21: тамоюлҳои муосир ва дурнамои рушд», бахшида ба «70-солагии таъсисёбии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022); конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Индустрикунонии кишвар ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ» (ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020), ба шакли маъруза пешниҳод шдааст.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ дар 14 мақолаҳои илмӣ дар ҳаҷми 5,95 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии атестатсиони дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

**Сохтор ва мундариҷаи диссертатсия.** Мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмати асосии таҳқиқот (3 боб ва 9 зербоб), 21 ҷадвал, 30 расм, 7 формула, хулоса, пешниҳодҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳо иборат буда, бо истифодаи аз 213 сарчашма омода карда шуда, дар 202 саҳифаи компютерӣ омода гардидааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддима аҳаммият, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсионӣ, навоварии илмӣ, мавзуъ ва объекти тадқиқот, асосҳои методологӣ ва наза-

риявӣ, заминаи иттилоотии тадқиқот асоснок карда шуда, муқаррароти тавсифкунандаи нававарии илмӣ ва аҳамияти амалии тадқиқот, тасдиқи натиҷаҳои бадастомада нишон дода шудаанд.

Дар боби аввал – «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ» асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, нақши сайёҳӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ, ба низом даровардани равишҳои муосир барои муайян кардани кластерҳои сайёҳӣ ва муайян намудани заминаҳои ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, инчунин тамоюлҳои ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир таҳлил карда шуданд.

Расидан ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кӯҳӣ ҳамчун мақсади стратегии рушди иқтисодиёти миллӣ, зарурати рушди соҳаи сайёҳӣ бартарӣ дорад. Дар ҷаҳони муосир сайёҳӣ яке аз соҳаи самарабахши иқтисодӣ дар арсаи байналмилалӣ буда, рушди босуръати он дар солҳои охир падидаи иқтисодии аср эътироф шудааст. Азбаски сайёҳӣ дорои потенсиали азим ва нерӯи пешбарандаи рушди иқтисодӣ мебошад, зарурати ошкор сохтани таърифи сайёҳӣ аз нуқтаи назари равишҳои гуногун ба миён меояд. Амалан имконнопазирии тартиб додани таърифи ягонаи сайёҳӣ, аз як тараф, мураккабии онро нишон диҳад, аз тарафи дигар, номукаммал будани онро ҳамчун соҳаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳар як равиши муайянкунии мафҳуми сайёҳӣ аҳаммияти онро барои рушд ва рақобатпазирии иқтисоди минтақа нишон медиҳад (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Унсурҳои асосии мафҳуми сайёҳӣ**

| Равишҳои асосӣ | Унсурҳои асосии мафҳум ва мундариҷаи сайёҳӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Сайёҳӣ ҳамчун натиҷаи ҳаракати инсон | Сайёҳӣ ду унсурро инъикос мекунад: Ба ҷойи муқаррар шуда рафтан ва дар онҷо муваққатан истодан | Сафар кардан ин ҳаракати банақшагирифташуда аз як ҷо ба ҷойи дигар | Сафар кардан – ин фаъолиятест, ки ба сайёҳон имконияти ҳаракати муваққатиро дар масири сайёҳӣ медиҳад |
| Иқтисодӣ | - | + | + | + |
| Иҷтимоию фарҳангӣ | + | + | + | + |
| Муҳоҷират ё оморӣ | + | - | - | - |
| Ҳуқуқию меъёрӣ | + | + | - | - |

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Бояд қайд кард, ки равишҳои рушди сайёҳии овардашуда на танҳо ба баланд бардоштани нуфуз ва рақобатпазирии кишвар дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, балки имкон медиҳанд, ки иқтисоди минтақавӣ ба сатҳи нав ва қонеъ гардонидани талаботи шаҳрвандон ба истироҳати сифатнок оварда расад. Рушди сайёҳӣ метавонад ҳамчун воситаи тезонидани таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтор, ҷалби сармоя ва васеънамои хизматрасонии сайёҳӣ гардад. Ин ҳолат дар навбати худ ба беҳбуди зиндагии аҳолии минтақа ва рушди соҳаи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат мекунад.

Пас аз омӯхтани равишҳои мафҳуми сайёҳиро муайянмекарда дар кори илмӣ аз тарафи муаллиф консепсияи сайёҳӣ пешниҳод карда шудааст (расми 1).




**Расми 1. – Консепсияи сайёҳӣ**

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлилҳои дар кори илмӣ гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сайёҳӣ яке аз омилҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти минтақаҳои кӯҳӣ ва воситаи рушди индустрияи сайёҳӣ дар ин ё он минтақа мебошад. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии ташаббусҳои соҳибкории иштирокчиёни тиҷорати сайёҳӣ, барпосозии шароит барои зиёдкунии шумораи корхонаҳои хурд метавонад ба рушди иқтисодиёти минтақа саҳм гузорад.

Таҳлили адабиёти иқтисодии аз тарафи муаллиф гузаронидашуда нишон медиҳад, ки мафҳуми минтақа дар илмҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар соҳаҳо васеътар истифода мешавад. Минтақаро метавон воҳиди маъмурӣ, мавзеи ҷуғрофӣ, мавзеи дорои самти махсуси саноатӣ, ҳудуди дорои аҳолӣ ё гурӯҳи этникии муайян ва ғайра маънидод кард. Ҳар як минтақаи мушаххас хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба рақобатпазирии он таъсир мерасонанд.

Дар таҳқиқоти мазкур ба минтақаҳои кӯҳӣ таваҷҷуҳи хоса дода шудааст, ки онҳо бо дарназардошти минтақаҳои экологии ҷаҳон ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд. Айни ҳол минтақаҳои кӯҳӣ, аз ҷумла кишварҳои кӯҳӣ, бо як қатор мушкилоти махсус рӯ ба рӯ ҳастанд, ки рақобатпазирии иқтисодии онҳоро коҳиш дода, ин омил муҳиммияти ташкили кластерҳои сайёҳиро исбот мекунад.

Пас аз омӯхтани назарияҳои гуногун маълум мегардад, ки як нишондиҳандаи баландии релеф наметавонад минтақаии кӯҳё ҳамворро маълум намояд, таърифи минтақаҳои кӯҳӣ ба шароити махсуси баландии релеф ва иқлим, ки ба фаъолияти ҳаррӯзаи инсон таъсир мерасонад, асос меёбад.

Дар заминаи омӯзиши пажӯҳишҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ маълум гардид, ки дар ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кластери сайёҳиро ташкил кардан мумкин аст, ки ба ҷалби сармоягузории нав ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ин имкон медиҳад, ки талабот ва дархости шаҳрвандон ба фароғати босифат қонеъ гардида, симои мусбати кишварро дар бозорҳои сайёҳии дохилӣ ва ҷаҳонӣ ба вуҷуд орад. Рушд ва пешбурди кластерҳои сайёҳии инфиродӣ ба баланд бардоштани ҷолибиятнокии минтақа ва фароҳам овардани муҳити мусоиди сайёҳӣ, ки ба рушди иқтидори сайёҳӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, мусоидат менамояд.

Аз таҳқиқотҳои илмию назариявии олимон ба хулосае омадан мумкин аст, ки кластери сайёҳӣ маҷмуаи ҷойҳои тамошобобе мебошад, ки дар як минтақаи ҷуғрофӣ тафриқа ва мутамарказ шудаанд ва ба ҳамоҳангии сиёсӣ ва иҷтимоӣ тавассути занҷирҳои арзиши коллективӣ ва шабакаҳои идоракунӣ мусоидат намуда ҳам аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ бартариҳои муқоисавӣ ва ҳам рақобатпазирро таъмин мекунанд (ҷадвали 2).

Дар кори илмӣ тамоюлҳои рушди кластерҳои сайёҳӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон низ омӯхта шудааст.

Таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вобаста ба ташаккул ва рушди кластери сайёҳӣ нишон дод, ки дар ҳар як ҳолати алоҳида усулҳои мушаххаси дастгирии давлатӣ истифода мешаванд, ки ба хусусиятҳои табиӣ, иқлимӣ, ҷуғрофӣ ва демографии минтақа мувофиқат мекунанд. Бояд қайд кард, ки мамлакатҳои дар ин самт пешрафта, аз усули гуногуни бо ҳам алоқаманди танзими давлатии кластери сайёҳӣ, ки вобаста ба минтақаи кӯҳӣ самараи зиёд медиҳад, истифода мебаранд. Дар ин радиф муаллиф қайд мекунад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи мамлакатҳои пешқадам ба монандӣ Швейтсария, Норвегия, Чехия, Россия, Италия, Африқои Ҷанубӣ, Украина, ИМА, Испания, Туркия ва ғайра, ки ба рушди минтақавии соҳаи сайёҳӣ таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кардаанд, муфид мебошад.

Дар боби дуюм - «Таҳлил, баҳодиҳӣ ва тамоюли ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон» равишҳои муосир оид ба муайян кардани иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар асоси таҳқиқоти сарчашмаҳои гуногуни илмӣ аз тарафи муаллиф модели арзёбии иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 2. – Шарҳи муаллиф дар мавриди фаҳмиши кластерҳои сайёҳӣ**

| Сол | Муаллиф | Мафҳум | Назария | Шарҳи муаллиф |
|---|---|---|---|---|
| 2009 | Ю.П. Ковалев | Кластери сайёҳӣ | Муаллиф дар асоси муайянкунии мафҳуми кластер аз тарафи М.Портер, мафҳумҳои «мавзеи сайёҳӣ»-ро ва «кластери сайёҳӣ» ҳаммаъно меҳисобад. | Ба ақидаи мо мафҳумҳои мавзеи сайёҳӣ ва кластери сайёҳӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Дар адабиётҳои илмӣ мавзеъҳои сайёҳи ҳамчун комплексҳои сайёҳӣ оварда шудааст, гарчанде ки онҳо хусусиятҳои фарққунанда доранд. |
| 2009 | В.И. Кружалин Н.В. Шабалина | Кластери сайёҳӣ | Муаллиф кластери сайёҳиро ҳамчун шарикии давлат ва бахши хусуси меҳисобад. | Ҳангоми ба инобат гирифтани назарияи Д. Якобс, назария оид ба кластери сайёҳиро назарияи В.И. Кружалин ва Н.В. Шабалин пурра менамояд. |
| 2010 | А.И. Зирянов, С.Э. Мишлявтсева | Кластери сайёҳӣ | Одатан, кластер ҳамчун ҳамкории муваққатии корхонаҳое фаҳмида мешавад, ки аз ҷиҳати фазоӣ тобеанд ва дар як бозор рақобат мекунанд.<br>Фарқи асосии кластер дар бахши сайёҳӣ ташкили ҳудудии масири он мебошад. | Назарияи А.И. Зирянов ва С.Э. Мишлявсева оид ба кластерҳои сайёҳӣ яке аз назарияҳои муваффақ барои ташкил ва рушди кластерҳо дар сатҳи давлат ва минтақа ба ҳисоб меравад, аммо тарафҳои фарққунандаи назарияи кластери сайёҳӣ аз дигар назарияҳо дар ташкили масири сайёҳӣ, байни сохторҳои он ба ҳисоб меравад. |
| 2022 | Махкамов Ф.Ф. (муаллиф) | Кластери сайёҳӣ | Кластери сайёҳӣ ин шакли ташкили истеъмоли маҳсулоти сайёҳӣ, ки дар заминаи мавзеъҳои сайёҳӣ, ҳангоми якҷояшавии корхонаҳои саноати сайёҳӣ ва инфрасохторҳои сайёҳӣ, инчунин алоқа ва муносибати байни онҳо мебошад. | |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар кори илмӣ барои арзёбии иқтидори минтақаҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз равиши комплексӣ, ки дар асоси методологияи таҳлили системавӣ ва сохторию функсионалӣ иборат мебошад, истифода кардааст. Барои баҳодиҳии иқтидори минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳудудҳои сайёҳӣ, методологияи арзёбии индексӣ истифода шуда, хусусиятҳои сифатии объекти таҳқиқот баҳо дода мешавад, инчунин барои саҳеҳ арзёби намудани иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, усули нишондиҳандаҳои системавии мутавозинӣ (НСМ), ки аз ташкилдиҳандаҳои маданиву табиӣ ва иқтисодию ифрасохторӣ иборат аст, истифода шудааст (ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Феҳристи НСМ барои баҳодиҳии иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022с.**

| Номгӯии нишондиҳандаҳо | ш. Душанбе | НТҶ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Ташкилдиҳандаҳои маданию табиӣ** | **0,041** | **0,202** | **0,656** | **0,381** | **0,105** |
| Шумораи иншоотҳои мероси фарҳангӣ, ҳаз. адад | 0,041 | 0,507 | 1,190 | 1,011 | 0,251 |
| Шумораи иншоотҳои мероси археологӣ, ҳаз. адад | - | 0,098 | 0,122 | 0,132 | 0,064 |
| Шумораи мамнӯъгоҳои табиӣ, ҳаз. адад | - | 0,001 | - | 0,002 | 0,001 |
| **Ташкилдиҳандаҳои иқтисодӣ** | **0,343** | **0,367** | **0,505** | **0,532** | **0,146** |
| Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба сари аҳолӣ, млн. сомони | 0,018 | 0,007 | 0,008 | 0,007 | 0,005 |
| Ҳиссаи ФИХ-и меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо дар ҳаҷми умумии МММ минтақаҳо, млрд.сомони | 0,695 | 0,604 | 0,965 | 0,985 | 0,005 |
| Шумораи ҷиноятҳои бақайд гирифташуда, 10 ҳазор | 0,458 | 0,439 | 0,638 | 0,566 | 0,067 |
| Нишондиҳандаи дараҷаи рушди соҳибкорӣ (10 ҳаз.одам ба як ташкилот) | 0,200 | 0,420 | 0,410 | 0,570 | 0,510 |
| **Ташкилдиҳандаҳои инфрасохторӣ** | **0,129** | **0,751** | **0,530** | **0,786** | **0,989** |
| Масоҳати минтақа ба як воҳиди иншооти истиқоматии коллективӣ, км$^2$ | 0,007 | 0,440 | 0,339 | 0,378 | 2,374 |
| Масоҳати минтақа ба як воҳиди ширкатҳои сайёҳӣ, км$^2$ | 0,008 | 1,589 | 0,619 | 1,367 | 1,308 |
| Шумораи муштариёни фаъоли мобилии радиотелефон, ки дастрасии фароохмаҷро ба Интернет доранд, млн. нафар | 0,310 | 0,780 | 0,969 | 1,206 | 0,081 |
| Зичии роҳҳои автомобилгарди истифодаи умуми мумфарш шуда (ҳаз. км роҳ ба 1000 км$^2$) | 0,194 | 0,194 | 0,194 | 0,194 | 0,194 |
| **Дар умум дар минтақаҳо** | **0,171** | **0,440** | **0,563** | **0,566** | **0,413** |

Сарчашма: ҷадвал аз тарафи муаллиф дар асоси сарчашмаҳои кушод ҳисоб карда шудааст.

Равиши мазкур ҳангоми арзёбии иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян кардани тарафҳои пурқувватӣ ва заифии минтақа дар заминаи сайёҳӣ, инчунин муайян намудани самтҳои эҳтимолии рушд ва такмили соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад.

Дар кор баҳодиҳии иқтидори сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ, дар асоси нишондиҳандаҳои интегралии миёнаи бисёрченака ҳисоб карда шудааст (ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. - Динамикаи нишондиҳандаҳои интегралии иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Минтақаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ш. Душанбе | 0,1589 | 0,1638 | 0,1672 | 0,1731 | 0,1856 | 0,1708 | 0,1688 | 0,1841 |
| НТМ | 0,3567 | 0,3837 | 0,4002 | 0,4437 | 0,4827 | 0,4398 | 0,4221 | 0,473 |
| Вилояти Суғд | 0,4829 | 0,5133 | 0,5421 | 0,5743 | 0,5931 | 0,5627 | 0,5586 | 0,5809 |
| Вилояти Хатлон | 0,4372 | 0,4406 | 0,5208 | 0,5638 | 0,5859 | 0,5656 | 0,5603 | 0,5843 |
| ВМКБ | 0,3781 | 0,3889 | 0,3937 | 0,4241 | 0,4431 | 0,4129 | 0,4102 | 0,4388 |

Сарчашма: Ҷадвал аз тарафи муаллиф таҳия карда шудааст: дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо истифода аз усули инишондиҳандаҳои интегралӣ матритсаи арзёбии иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2015 то соли 2022 тартиб дода шуда, инчунин таҳлили маълумоте, ки ҳангоми тадқиқоти эмпирикӣ ҷамъоварӣ шудаанд, бо истифода аз усули таҳияшудаи арзёбии интегралии иқтидори сайёҳӣ ба роҳ монда шудааст. Дар натиҷаи таҳлили гузаронидашуда дар соли 2022 рейтинги пешқадамҳо муайян карда шудааст, мисол вилояти Хатлон ҷойи аввалро бо 0,5843 хол, вилояти Суғд бо 0,5809 хол ҷойи дуюм, НТМ (0,4730), ВМКБ (0,4388) ва шаҳри Душанбе (0,1841) ишғол намуданд.

Дар кор қайд карда шудааст, ки имконияти ташкили кластери сайёҳӣ дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мавҷуд аст, аммо ҳангоми кластеризатсияи сайёҳӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нақши маблағгузории соҳаи сайёҳӣ меафзояд. Бинобар ин, дар рафти тадқиқот муаллиф ба маблағгузории кластерҳои сайёҳӣ диққати махсус додааст ва қайд карда шудааст, ки дар ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ яке аз механизмҳо тарзи маблағгузорӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки тамоюли маблағгузории соҳаи сайёҳӣ рӯз то рӯз меафзояд, ки ин ҳиссаи соҳаи сайёҳиро дар ММД ҷумҳурӣ зиёд мекунад, мисол дар соли 2015 ҳиссаи сайёҳӣ дар ММД Тоҷикистон ба 0,5% ва соли 2022 ба 2,8% расид, ки дар тӯли ҳафт сол 5,6 маротиба зиёд шудааст. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки маблағгузории соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар афзоиш аст.

Таҳлили дар кор гузаронидашуда муайян мекунад, ки маблағгузории соҳаи сайёҳӣ рӯз то рӯз меафзояд ва он метавонад ба рушди заминаҳои инфрасохтории ташаккули кластери сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат кунад. Пайваста ба ин, дар кор заминаҳои инфрасохтории кластери сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти муайян намудани таркиби инфрасохтори сайёҳӣ дар асоси гурӯҳҳои асосии хизматрасонӣ ва объектҳои хизматрасонӣ, омилҳои зерин таҳлил карда шудаанд: нақлиёт ва хизматрасониҳои нақлиётӣ, хӯрокхури ва хизматрасониҳои меҳмонхонавӣ, хизматрасониҳои иттилоотию дастгирӣ, воситаҳо ва системаҳои алоқавӣ, ташкилӣ истироҳати сайёҳон, системаи комуналӣ ва дигар хизматрасониҳои муҳим.

Дар кор қайд карда мешавад, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле гуногун буда, барои баҳодиҳии аниқи заминаҳои инфрасохтории ташаккули кластерҳои сайёҳӣ бояд омилҳои асосии рушди заминаҳои инфрасохтории кластерҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон муқоиса карда шаванд (ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. Ҷузъҳои асосии заминаҳои инфрасохтории кластери сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Омилҳои асосии ба ташаккули кластерҳои сайёҳӣ таъсиррасон | ш. Душанбе | НТҶ | Вилояти Суғд | Вилояти Хатлон | ВМКБ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Инфрасохтори нақлиёт ва алоқа** | | | | | |
| 1.Мусофиркашони бо воситаи нақлиёти автомобилӣ *(млн. нафар)* | 345,4 | 73,4 | 232,4 | 142,6 | 12,3 |
| 2. .Мусофиркашони бо воситаи тролейбус *(млн. нафар)* | 20,5 | - | - | - | - |
| 3. Шумораи иттиҳодияҳо, корхонаҳо ва қисматҳои онҳо оид ба адои хизмати муштариён тавассути алоқаи истифодаи умум, *адад* | **25** | **128** | **162** | **135** | **40** |
| Шумораи дастгоҳҳои телефонии асосии шабакаи телефонии истифодаи умум, *адад* | 116715 | 20446 | 88249 | 37480 | 10210 |
| **Шумораи муассисаҳои истиқоматии коллективӣ** | | | | | |
| Шумораи меҳмонхонаҳо, *адад* | **18** | **30** | **48** | **46** | **16** |
| Дигар намудҳои истиқоматии колективӣ (мотелҳо, хонаҳои истироҳатӣ, базаҳои сайёҳӣ ва ғайраҳо), *адад* | **10** | **35** | **45** | **19** | **11** |
| Ширкатҳои сайёҳӣ | **116** | **18** | **41** | **18** | **49** |
| **Социальная инфраструктура** | | | | | |
| Зичии аҳолӣ, *ба 1км², нафар* | 6009,4 | 75,5 | 113,9 | 146,2 | 3,7 |
| Шумораи умумии тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ, *адад* | 228 | 1153 | 973 | 1389 | 316 |
| Муносибати байни шумораи умумии табибон ва шумораи кормандони миёнаи тиббӣ бо шумораи катҳои беморхонаҳо *нафар/адад* | 2,37 | 1,86 | 1,49 | 2,07 | 1,21 |

Сарчашма: ҷадвал аз тарафи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоб карда шудааст.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки шаҳри Душанбе дорои иқтидори баланди заминаҳои инфрасохтории кластери сайёҳӣ буда, дар дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи рушди заминаи инфрасохтории сайёҳиро таҳия ва амалӣ кардан зарур аст. Дар вилояти Суғд бошад, дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бӯстон ва Гулистон иншооти зарурӣ барои

ташкили кластери сайёҳӣ қисман мавҷуд буда, дар дигар шаҳру ноҳияҳо заминаҳои инфрасохтории кластери сайёҳӣ хеле суст инкишоф ёфтааст. Дар вилояти Хатлон метавон кластери сайёҳии таърихию фарҳангиро ташкил дод, ки дар шаҳру навоҳии вилоят ҷойҳои зиёди таърихӣ ва манзараҳои табиӣ мавҷуданд, мисол дар шаҳри Кӯлоб оромгоҳи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, қалъаи бостонии Ҳулбук ва ғайра. Агар потенсиали имрӯзаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз нуқтаи назари заминаҳои инфрасохтории кластери сайёҳӣ баҳо диҳем, шаҳри Душанбе минтақаи иқтидорнок ба ҳисоб меравад, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ аз дигар минтақаҳо боло мебошад, мисол нишондиҳандаи муносибати байни шумораи умумии табибон ва шумораи кормандони миёнаи тиббӣ бо шумораи катҳои беморхонаҳо ба 2,37, дар НТҶ ба 1,86, дар вилояти Суғд 1,49, дар вилояти Хатлон ба 2,07 ва дар ВМКБ ба 1,21 баробар мебошад.

Тибқи ҷадвали 5 шумораи ҷойҳои истиқоматии коллективӣ дар шаҳри Душанбе нисбат ба дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд мебошад, масалан, шумораи меҳмонхонаҳо ба ҳисоби миёна дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ба 4,5, дар НТҶ 2,3, дар вилояти Суғд 2,6, дар вилояти Хатлон 1, 8 ва ВМКБ 2 баробар мебошад.

Дар боби сеюм - «Самтҳо ва роҳҳои асосии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» принсипҳо ва меъёрҳои асосии ҷойгиркунии оқилонаи кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудаанд.

Дар кор қайд шудааст, ки дар бархе аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба далели афзоиши шумори аҳолӣ заминҳои кишоварзӣ ба сари аҳоли рӯз то рӯз кам шуда истодааст, ки ин то рафт сатҳӣ зиндагии аҳолии минтақаҳоро коҳиш медиҳад, аз ин рӯ зарур аст, ки фаъолияти кишоварзии онҳо иваз карда шавад, масалан дар шаҳри Панҷакент, дар ноҳияҳои Шаҳристон, Масчоҳи Кӯҳӣ, Ховалинг ва Балҷувон дар соли 2022 афзоиши аҳолии доимӣ нисбат ба соли 2015 114,3% ва суръати афзоиши майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ин давра 103%-ро ташкил дод, ки нисбати ин ҳолат фикркарданро ба миён меорад. Ҷунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки зарурати ҷалби аҳолии чунин минтақаҳо ба фаъолияти сайёҳӣ рӯз то рӯз меафзояд ва бори дигар собит месозад, ки кластерҳои сайёҳӣ бояд дар минтақаҳои омӯхташуда ташаккул ва инкишоф дода шавад.

Дар минтақаҳои таҳқиқшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори бузурги сайёҳӣ мавҷуд буда, вале онҳо то ҳол истифода намешаванд, ки ин боиси пастравии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мегардад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, муаллиф модели имитатсионии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар мисоли ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст.

Кластери сайёҳии экологии Шаҳристон се минтақаи истироҳатиро фаро мегирад: «Хурам-Дара», «Бунҷикат» ва минтақаи истироҳатии «Истиқлол» (расми 2).




**Расми 2. Кластери сайёҳии экологии Шаҳристон**

Сарчашма: Таҳияи муаллиф

Дар кор қайд карда мешавад, ки барои ташкили кластери сайёҳии экологии Шаҳристон 86 миллиону 380 ҳазор сомонӣ сармоя лозим буда, пас аз ҳисобҳои математикӣ ва арзёбии коршиносӣ маълум шуд, ки ин лоиҳаи сармоягузоришаванда дар давоми 7 сол хароҷоти худро рӯйпӯш мекунад.

Ҳамин тариқ, пас аз иҷрои ин лоиҳа дар ноҳияи Шаҳристон 500 ҷойи нави кори пайдо шуда, ташкили кластери сайёҳӣ дар ин самт ба рушди соҳибкории хурду миёна имкон медиҳад, ки аз ҳисоби рушди соҳибкории хурду миёна то 5 ҳазор адад ҷойҳои нави корташкил карда шавад.

Муаллиф барои татбиқи лоиҳаи сармоягузории пешниҳодшуда нақши давлатро муҳим арзёбӣ намуда, дар робита ба ин, модели дастгирии давлатии соҳаи сайёҳии минтақаи кӯҳиро пешниҳод менамояд (расми 3).




**Расми 3. –Модели дастгирии давлатии соҳаи сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ**

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Инчунин, дар кор кайд мешавад, ки танзими давлатӣ бояд ба рушди якхелаи тамоми бахшҳои иқтисодиётӣ марбут ба сайёҳӣ ба монанди, дастгирии ташкилотҳои сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо нигаронида шавад.

Муаллиф зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ самтҳои ояндадори рушди кластери сайёҳиро дар баъзе минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, масалан дар минтақаи Зарафшон, ки дар он комплекси сайёҳии «Артуч», минтақаи сайёҳии Искандаркӯл, Ҳафткӯл ва Саразм ҷойгир буда, имконияти ташкили кластерҳои сайёҳӣ калон мебошад ва рушди онҳо ба афзоиши шумораи сайёҳони дохилию хориҷӣ мусоидат мекунад. Қобили зикр аст, ки шаҳри Панҷакент бо шаҳри таърихии Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки дар байни сайёҳони хориҷӣ маъруф аст, ҳаммарз буда, дар он ҷой шумораи сайёҳон нисбат ба шаҳрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хело зиёд мебошанд ва мо имкон дорем, ки истифода аз шаклҳои фаъоли реклама, ҷалб намудани сайёҳони шаҳри Самаркандро ба минтақаҳои ҷумҳурӣ бо воситаи минтақаи Зарафшон ба роҳ монем.

Бо истифодаи баҳодиҳии коршиносӣ метавон гуфт, ки барои ташкили кластери сайёҳии Зарафшон сармояи зарурӣ қариб 100 миллион сомониро ташкил дода, қисми зиёди сармоягузорӣ ба бунёди иншоотҳои сайёҳӣ ба монанди меҳмонхонаҳо ва корхонаҳои сайёҳӣ равона карда мешавад. Дар ин самт лоиҳаи сармоягузорӣ нисбат ба дигар самтҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зудтар худро худхарид мекунад, ки кластери сайёҳии мазкур дар яке аз минтақаҳои ҷолиби ҷумҳурӣ ва дар наздикии шаҳри Самарқанд (Ӯзбекистон) ташкил карда мешавад, ки мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон соли 2022, 1 миллиону 204 ҳазор сайёҳӣ хориҷӣ дар шаҳри Самарқанд ташриф овarданд. Ба ақидаи муаллиф агар 40 дарсади сайёҳоне, ки ба шаҳри Самарқанд омадаанд, ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути кластери сайёҳии Зарафшон ҷалб карда шавад, пас лоиҳаи сармоягузории пешниҳодшуда дар тӯли 4,5 сол худро худхарид мекунад ва самараи иқтисодӣ дар давоми 5 сол қариб аз 500 миллион сомонӣ мегузарад.

## ХУЛОСА

Дар асоси натиҷаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда чунин хулосаҳо ба даст омаданд:

1. Дар ҳалли вазифаҳои гузошташуда мушкилоти вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аҳаммияти сайёҳӣ дар ҳалли онҳо муайян карда шудаст. Воқеан, дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ як қатор мушкилотҳо, аз қабили камшавии шумораи аҳолӣ, набудани ҷойи кор, зиёд шудани ҳиссаи хонаводаҳое, ки аз як нафар вобастаанд, ба хориҷ рафтани аҳолӣ, бахусус ҷавонон, инфрасохтори ғайриқаноатбахш ва ғайра ба назар мерасад. Бояд қайд кард, ки ҳангоми ҳалли ин гуна мушкилотҳо мубрамияти ташаккул ва рушди системаҳои иқтисодӣ меафзояд, ки яке аз ташкилдиҳандаи чунин системаҳо кластерҳои сайёҳӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки на фақат кластерҳои

сайёҳиро ҳамчун минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавон маҳдуд намуд, балки онро дар заминаи рушди системаҳои иқтисодӣ дида баромад [М – 1, 3];

2. Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқот, кластери сайёҳӣ наметавонад танҳо як гурӯҳи корхонаҳои бо ҳам баробар бошад, зеро он як системаи мураккабтар ва ҳамгирошуда мебошад. Он на танҳо корхонаҳои бахши сайёҳӣ, балки дигар унсурҳои муҳим, ба монанди мавзеҳои тамошобобҳои сайёҳӣ, инфрасохтор, хизматрасонии дастгирии сайёҳон ва ғайраро дар бар мегирад, кластери сайёҳӣ инчунин метавонад ҳамчун минтақаи озоди иқтисодӣ ҳисобида шавад. Кластери сайёҳӣ мафҳуми васеътарест, ки шаклҳои гуногуни ташкил ва ҳамкории иштирокчиёнро дар бар мегирад, аз ҷумла на танҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва институтсионалиро низ муттаҳид месозад. Аз ин рӯ, кластери сайёҳиро бояд ҳамчун як системаи мураккабе баррасӣ намуд, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар минтақаи кӯҳӣ мусоидат мекунад ва дорои хусусиятҳо ва вазифаҳои махсуси худро мебошад. Омӯзиши таҷрибаи байналмилалии рушди кластерҳои сайёҳӣ имкон дод, ки дар минтақаҳои кӯҳӣ як қатор бартариҳои кластерикунонии сайёҳӣ, мавҷудияти навъи махсуси кластерҳои сайёҳӣ ба монанди кластери сайёҳии экологӣ ва муайян намудани як қатор шартҳои зарурӣ ки боиси ташаккул ва инкишоф ёфтани кластери сайёҳӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад [М – 2, 3];

3. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ иқтидори сайёҳии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи кластерикунонии сайёҳӣ баҳо дода шудааст. Дар асоси маводҳои омӯхташуда дар доираи ҳалли вазифаҳои гузошташуда бо истифодаи усули НСМ барои арзёбии иқтидори сайёҳии минтақа маълум гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон барои рушди сайёҳӣ дорои иқтидори бузург, бо дарназардошти кластеризатсияи соҳаи сайёҳӣ буда, баъдан вилояти Суғд, НТҶ, шаҳри Душанбе ва ВМКБ мебошад. Бояд гуфт, ки ҳар як минтақа дорои хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ буда, дар як қатор минтақаҳои вилояти Хатлон кластерҳо дар самтҳои сайёҳии экологӣ ташкил кардан мумкин аст, дар шаҳри Душанбе бошад, дар заминаи маҷмааи Сафед-Дара метавон кластери лижарониро ташкил кард, ки ба рушди соҳаҳои сайёҳӣ дар ин минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад [М – 5, 7];

4. Заминаи инфрасохтории ташаккул ва рушди кластери сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ инкишоф ёфта истодааст ва дар байни минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари заминаи инфрасохтории кластери сайёҳӣ шаҳри Душанбе инкишофёфта ба шумор меравад. Яке аз роҳҳои рушди инфрасохтори сайёҳӣ ин маблағгузории дурусти соҳа мебошад, ки соҳаи сайёҳӣ аз ду сарчашма: захираҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ маблағгузорӣ мешавад. Ба захираҳои ғайридавлатӣ маблағгузории иттифоқҳои касаба, созмонҳои байналмилалии сайёҳӣ, реклама, сарпарастӣ, биноҳо барои иҷора ва ғайра дохил мешаванд, ки мо метавонем онҳоро дар ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ самаранок истифода барем. Ҳангоми омӯхтани масъалаи маблағгузории сайёҳӣ маблағгузории давлатӣ метавонад дар

шакли имтиёзҳои андозӣ, субсидия ё субвенсия пешниҳод карда шавад. Ин ба истифодаи самараноки захираҳо, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин беҳбуди инфрасохтори умумии сайёҳӣ дар минтақа мусоидат мекунад [М – 12];

5. Ҳангоми омӯзиши масъалаи рушди минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ бо назардошти ҷойгиркунии оқилонаи кластерҳои сайёҳӣ, дар мисоли ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғд модели ташкилии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ таҳия карда шудааст. Дар модел тамоми хароҷоти зарурӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофии кластери сайёҳӣ ва даромади дар оянда ба даст меомада ҳисоб карда шуда, инчунин барои рушди минбаъдаи кластери сайёҳӣ як қатор тавсияҳо таҳия шудаанд, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ бевосита мусоидат мекунанд [М – 7];

6. Дар рафти тадқиқот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудудҳои сайёҳӣ муайян карда шуданд, ки дар онҳо иқтидори бузурги сайёҳӣ, песпективаи ташаккул ва рушди кластери сайёҳӣ ва дар маҷмуъ рушди соҳаи сайёҳӣ мавҷуд аст, инчунин роҳҳои ташаккули кластери сайёҳӣ дар минтақаи Зарафшон нишон дода шудааст, ки дар ҳаҷми 100 миллион сомонӣ сармоягузорӣ талаб мекунад ва дар давоми 4,5 сол худро рӯйпӯш мекунад. Ҳангоми омӯзиши масъалаи ташкили кластери сайёҳӣ модели мувозинати рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст, ки дар байни ҷузъҳои асосии соҳаи сайёҳӣ (ташрифовардии сайёҳон, шумораи катҳо дар меҳмонхонаҳо, мусофиркашонӣ) мувозинат мавҷуд нест, агар ҷузъи аввалро 22 фоиз зиёд кунем, ҷузъи дуюм 23,2 фоиз ва ҷузъи сеюм 1,8 фоиз рушд диҳем, пас таносуби байни ҷузъҳои асосии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайдо мешавад. Рушди мутаносиби соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба индустрикунонии сайёҳӣ мусоидат намуда, барои ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ шароит фароҳам меорад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Айни замон ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти рӯзафзун пайдо карда истодааст. Кластери сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ нисбат ба дигар кластерҳо дар шакли табиӣ ва худ ба худ ташаккул ёфта, бинобар сабаби мавҷудияти мушкилотҳои барасмиятдарории кашфи иқтидори кластерҳо мушкил мегардад. Сарфи назар аз он ки кластерҳои сайёҳӣ то ҳол мисли кластерҳои саноатӣ васеъ паҳн нашудаанд, онҳо хусусиятҳои хоси худро доранд. Ин хусусиятҳои хосро ҳангоми ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ба инобат гирифтан хело муҳим буда, инчунин баинобатгирии хусусияти минтақавии клстерҳои сайёҳӣ ҳангоми ташаккул ва рушди он муҳим мебошад [ М – 1, 3];

2. Дар диссертатсия марҳилаи кунунии рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, омилҳое муайян карда шудаанд, ки ба рушди кластерҳои сайёҳӣ бештар

таъсир мерасонанд. Гарчанде таҷрибаи ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол ба қадри кофӣ ҷамъ нагардидааст, бинобар ин дар диссертатсия таҷрибаи бомуваффақияти хориҷии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ин таҷрибаро меавон ҳангоми ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои гуногуни тоҷикистон истифода бурд. Таҳлили таҷрибаи амалии самарабахш ва таҷрибаи мамлакатҳои дигар ба мо имкон медиҳад, ки омилҳои асосии самарабахшро муайян намуда, онҳоро ба шароити маҳаллӣ мутобиқ кунем. Чунин тавсияҳоро метавон дар тарҳрезӣ ва татбиқи стратегияҳои рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон истифода бурд, ки он барои баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ва ҷалби бештари сайёҳон мусоидат мекунад.

Таҳлили самаранок ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ бо назардошти омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳони муосир нишон дод, ки ҳангоми ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ омилҳои асосиеро, ки муваффақиятро таъмин менамояд, ба назар гирифтан зарур аст:

- навсозии комплексҳои мавҷудаи сайёҳӣ дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳалли мушкилотҳои хизматрасониҳои тиббӣ ва суғуртаи сайёҳон;
- ташаккули маҳсулот ва самти ягонаи сайёҳӣ;
- ҳалли масъалаҳои имконпазирии иттилоотӣ ба сайёҳон оид ба самти сайёҳӣ [ М – 1, 3];

3. Таҳлил нишон медиҳад, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзеъҳои гуногуни ҷолибиятноки сайёҳиро доро мебошанд, масалан, бо истифода аз иқтидори шаҳри Душанбе дар заминаи комплекси сайёҳии Хоҷа Обигарм имконияти ташаккул ва рушди кластери сайёҳии рекреатсинӣ вуҷуд дорад. Дар ин ҳолат давлат бояд кумаки заруриро расонад, ки он метавонад дар татбиқи низоми имтиёзи андоз, додани субсидияҳо, мусоидат дар ҳалли мушкилоти маркетинг, ҳимоя аз коррупсия, анҷом додани корҳои сохтмони роҳҳо, гузаргоҳҳо аз ҳисоби давлат ва ғайра мусоидат намояд. Дар як қатор минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бамонанди шаҳри Панҷакент (Саразм — кадимтарин ва охирин мардуми муқими Осиёи Миёна, ки аз ҳазораи IV то охири асри сеюми пеш аз милод зиндаги кардаанд), шаҳри Хисор (Қалъаи Ҳисор), ноҳияи Восеъ (Хулбук маҷмааи бузурги таърихист), шаҳри Кӯлоб (Мақбараи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дар асрҳои 14-17), шаҳри Истаравшан (Қалъаи Муғ ва осорхонаи шаҳрӣ), шаҳри Хуҷанд (Мақбараи Шайх Муслиҳиддин ва бисёр дигар ҷойҳои таърихӣ) имконяти ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳии таърихӣ вуҷуд дорад, зеро дар ин минтақаҳо ба таври табиӣ барои ташаккули кластери сайёҳӣ замина ба вуҷуд омадааст [ М – 5, 9];

4. Роҳҳо ва марҳилаҳои маблағгузории рушди заминаи инфрасохтории сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуданд. Пайваста ба ин алгоритми маблағгузории ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ коркард гардида, инчунин сарчашмаҳои асосии маблағгузории соҳаи сайёҳӣ муайян гардида ва схемаи асосии сарчашмаҳои

маблғгузории кластерҳои сайёҳӣ пешниҳод дардидааст. Пешниҳоди мазкур имкони самаранок истифодабарии сарчашмаҳо, баланд бардории рақобатпазир ва сифати хизматрасонии сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дода, инчунин ба рушди инфрасохтори умумии сайёҳии минтақа мусоидат мекунад [М – 1, 2];

5. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунии ҳудудҳои сайёҳӣ ва имкониятҳои ташаккули кластери сайёҳӣ ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд, аз ин рӯ, зарур аст, ки гурӯҳҳои корӣ оид ба омӯзиши ҷолибияти сайёҳии минтақаҳои ҷумҳурӣ ташкил карда шаванд. Дар кор модели иқтисодию ташкилии ҷойгиркунии оқилонаи кластерҳои сайёҳӣ дар мисоли ноҳияи Шаҳристони вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, ки ин ишора ба зарурияти таҳлили бозор, муайянкунии имкониятҳои рақобатпазирии ҳар як минтақа ва коркарди нақшаю стратегияҳои мувофиқи фаъолият, ба инобатгирии талабот ва хусусиятҳои сайёҳии ҳар як минтақа мебошад. Ҳангоми кластеризатсияи сайёҳӣ дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ шароити сарҳадӣ нақши муҳим мебозад, дар ин замина зарур аст, ки созишномаҳои байниҳукуматӣ дар сатҳҳои гуногун баста шаванд, чунин муносибат метавонад омили асосии ташаккули кластери сайёҳӣ гардад, ки дар ин маврид зарурати дастгирии давлатӣ хело калон мебошад [М – 7];

6. Айни ҳол бисёре аз комплексҳои сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияи сайёҳии рекреатсиони таалуқ дорад. Дар баробари ин бояд қайд кард, ки барои рушди кластерҳои сайёҳӣ, ки ба туризми экологӣ, этнографӣ ва таърихӣ тамаркуз мекунанд, дар минтақаҳои ВМКБ, вилояти Суғд, вилояти Хатлон ва НТҶ имкониятҳои зиёд мавҷуданд. Ин минтақаҳо дорои мавқеи қулайи ҷуғрофӣ буда, барои рушди намудҳои гуногуни сайёҳӣ ва кластерсозии он мусоид мебошанд. Таҳлили дар кор гузаронидашуда набудани мувозинат байни ҷузъҳои асосии бахши сайёҳиро тасдиқ мекунад, ки барои ҳалли ин мушкилот методологияи ташаккул ва рушди кластери туристӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ пешниҳод карда шудааст, ки аз се марҳилаи асосӣ иборат аст: марҳилаи аввал омӯзиши пешакӣ ва баҳодиҳии иқтидори минтақа, инчунин муайян намудани мавҷудияти заминаҳои ташкили кластери сайёҳиро дар бар мегирад; марҳилаи дуюм бо таҳияи стратегия ва нақшаи рушди кластер, аз ҷумла муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо, сохтор ва фаъолияти он алоқаманд аст; марҳилаи сеюм бо татбиқи стратегия ва нақшаи рушд, аз ҷумла ташкили захираҳои зарурӣ, ҳамоҳангсозии амалҳо ва мониторинги раванди рушди кластер алоқаманд аст [М – 5, 8].

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ МУАЛЛИФ ДОИР БА МАВЗУИ ТАҲҚИҚОТ

## а) мақолаҳо дар нашрияҳои тақризшаванда:

**[1-А].** Махкамов, Ф. Ф. Формирование туристских кластеров - фактор развития горных регионов Таджикистана [Текст] / Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 9. – С. 188-198 (1 п. л.). – ISSN: 2413-5151.

**[2-А].** Махкамов, Ф. Ф. Модели консептуалии кластерҳои сайёҳӣ дар шароити минтақаҳои кӯҳӣ [Матн] / Ф. Ф. Махкамов, Х. У. Умаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. – №. 1-2(110). – С. 270-276 (0,6 п.л.). – ISSN: 2663-5534.

**[3-А].** Махкамов, Ф. Ф. Теоретические подходы к определению туристских кластеров [Текст] / Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 10. – С. 170-177 (0,7 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

**[4-А].** Махкамов, Ф.Ф. Особенности оказания гостиничных услуг в период пандемии COVID-19 [Текст] / Х. Р. Шарипова, Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2020. – № 4-1(33). – С. 121-127 (0,5 п.л.). – ISSN: 2308-054X.

**[5-А].** Махкамов, Ф.Ф. Моделирование развития туристской отрасли Республики Таджикистан на основе балансовой модели [Текст] / И. З. Сарабекова, Ф. Ф. Махкамов // Государственное управление. – 2020. – № 2(46) – С. 182-190 (0,5 п.л.). – ISSN: 2664-0651.

**[6-А].** Махкамов, Ф.Ф. Дополнительные услуги как фактор обеспечения конкурентоспособности гостиничных предприятий [Текст] / Х. Р. Шарипова, Ф. Ф. Махкамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 9. – С. 52-57 (0,4 п.л.). – ISSN: 2413-5151.

## б) дар дигар нашияҳо:

**[7-А].** Махкамов, Ф. Ф. Развитие горных регионов Республики Таджикистан на основе формирования туристских кластеров [Текст] / Ф. Ф. Махкамов // Россия и мир в новых реалиях: изменение мирохозяйственных связей: материалы XII Евразийского экономического форума молодежи, Екатеринбург, 26–29 апреля 2022 года / Уральский государственный экономический университет. Том 2. – Екатеринбург: Уральский государственный экономический университет. – 2022. – С. 38-40 (0, 2 п.л.).

**[8-А].** Махкамов, Ф.Ф. Применение VAR – модель при прогнозировании в туризме [Текст] / Ф.Ф. Махкамов // Материалы международной научной – практической конференции на тему «индустриализация страны и обеспечение устойчивого развития экономики». – Душанбе, 27 февраля 2020 г. – С. 399-402 (0,25 п.л.).

**[9-А].** Махкамов, Ф.Ф. Декомпозиционная модель как стратегическое планирования развития туризма [Текст] / Ф.Ф. Махкамов, Б.Т. Дустов // Международной научно-практической конференции “Актуальные проблемы формирования информационного общества в Республики Таджикистан: состояние и перспективы развития”. – 2018. – С. 141-143 (0,35 п.л.).

**[10-А].** Махкамов, Ф. Ф. Роль модели развития рынка туризма в социально-экономической системы Республики Таджикистан [Текст] / Ф. Ф. Махкамов, Х. Р. Шарипова // Образование и наука в 21 веке: современные тенденции и перспективы развития: материалы международной научно-практической конференции, посвященной 70-ой годовщине со дня образования Таджикского национального университета. – 2018. – С. 187-191 (0,25 п.л.).

**[11-А].** Махкамов, Ф.Ф. Роль системного анализа в туризме [Текст] / Ф.Ф. Махкамов // Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состав и сотрудников ТНУ, посвященной “20-ой годовщине Дня национального единства” и “Году молодёжи”. – 2017. – С. 214-215 (0,25 п.л.).

**[12-А].** Махкамов, Ф.Ф. Основные проблемы туристских фирм Республики Таджикистан в современных условиях [Текст] / Ф.Ф. Махкамов, С. Камарова // Материалы общеуниверситетского научно-теоретического круглого стола на тему “Актуальные проблемы менеджмента в современных условиях”. – 2019. – С.117-120 (0,25 п.л.).

**[13-А].** Махкамов, Ф.Ф. Рациональное распределение туристских ресурсов в рамках кластерного подхода [Текст] / Ф.Ф. Махкамов // Республиканской научно-теоретической конференция на тему: “Перспективы развития менеджмента и маркетинга в услофиях цифровой экономики”. – 2022. – С.318-321 (0,25 п.л.).

**[14-А].** Махкамов, Ф.Ф., Экономическая модель туризма большого города [Текст] / Махкамов Ф.Ф., // Республиканской научно-практической конференции на тему “Управление развитием человеческих ресурсов в современных условиях: концепции, тенденции и вызовы”. – 2017. – С.312-317 (0,2 п.л.).

# АННОТАЦИЯ

**на диссертацию Махкамова Фурката Фозиловича на тему “Формирование и развитие туристских кластеров в горных регионах Республики Таджикистан” на соискание ученой степени кандидата экономических наук по специальности 08.00.04 – Отраслевая экономика (08.00.04.06 – Экономика сферы туризма).**

***Ключевые слова:*** *туризм, регион, горные регионы, кластер, туристский кластер, туристская отрасль, туристские територии, туристский потенциал региона, инфраструктуры туризма, финансирование туризма, туристские ресурсы, туристские услуги, региональная экономика, ГЧП.*

Достижение стратегических целей развития национальной экономики предполагает определения приоритетных отраслей обеспечения ее конкурентоспособности. Одним из таких приоритетных направлений в условиях Таджикистана является туристский сектор страны, значение которого в структуре национальной экономики обосновывается наличием большого потенциала его развития. В этих условиях правительства развитых стран направляют крупные суммы на улучшение туристской инфраструктуры с учетом реализации стратегических программ развития отрасли. При этом, характерной особенностью развития туристского сектора в этих странах выступают меры, связанные с кластеризацией туристских компаний. Цель диссертационной работы заключается в обосновании теоретических и методических положений формирования и развития туристских кластеров в условиях горных регионов и разработки научно-практических рекомендаций по их становлению и развитию в условиях Республики Таджикистан.

Для решения поставленных задач применялись общенаучные способы исследования, в числе которых классификация, абстрактно-логический, монографический, статистический, методы группировок и сравнений, приемы логического и экономического анализа, синтеза.

В работе рассмотрена роль туризма в социально-экономическом развитии горных регионах, систематизации современных подходов к определению туристских кластеров, выявлению предпосылок развития горных туристско-рекреационных кластеров, изучении тенденции развития туристских кластеров в современном мире. В рамках диссертационной работе, исследованы современные подходы к определению состава туристского кластера, анализирована инфраструктурная основа туристского кластера в регионах Республики Таджикистан, уточнены основные принципы и этапы финансирования туристских кластеров и перспектив развития туристских кластеров в горных регионах Республики Таджикистан. В ходе диссертационного исследования подтвердилась гипотеза о том, что использование сбалансированного подхода при оценке туристского потенциала позволяет выявить главные проблемы и определить направления для улучшения туристского потенциала в горных регионах. Также в работе определены основные принципы и критерии размещения туристских кластеров в регионах Республики Таджикистан. Для рационального осуществления кластерного подхода в сфере туризма определены основные критерии размещения туристских объектов и разработана модель по формированию туристского кластера в Шахристанском районе Республики Таджикистан с учетом активизации мер государственной поддержки, а также спрогнозированы основные расходы по организации и развитию туристского кластера и получаемый доход от реализуемого проекта.

Основные выводы и рекомендации научного исследования могут быть использованы для разработки организационных и экономических мероприятий по созданию туристского кластера горного региона, по управлению его развития. Определенный практический интерес представляет использование отдельных результатов работы для разработки состава туристского кластера в горных регионах, анализа предпосылок и факторов его создания. Материалы диссертации могут быть использованы в учебном процессе при подготовке и переподготовке специалистов в области туризма.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Махкамов Фурқат Фозилович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.06 – Иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ).**

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ, минтақа, минтақаҳои кӯҳӣ, кластер, кластери сайёҳӣ, соҳаи сайёҳӣ, ҳудудҳои сайёҳӣ, иқтидори сайёҳии минтақа, инфрасохтори сайёҳӣ, маблағгузории сайёҳӣ, захираҳои сайёҳӣ, хизматрасониҳои сайёҳӣ, иқтисодиёти минтақа, ШДБХ.*

Барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок барои таъмини рақобатпазирии он зарур мебошад. Яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар шароити Тоҷикистон соҳаи сайёҳии кишвар мебошад, ки аҳаммияти он дар сохтори иқтисоди миллӣ бо мавҷудияти иқтидори бузурги рушди он асоснок карда мешавад. Дар чунин шароит ҳукуматҳои кишварҳои пешрафта барои беҳбуди инфрасохтори сайёҳӣ бо назардошти татбиқи барномаҳои стратегии рушди соҳа маблағҳои калон ҷудо мекунанд. Дар баробари ин, хусусияти хоси рушди бахши сайёҳӣ дар кишварҳои пешрафта ба чорабиниҳои кластерикунонии ширкатҳои сайёҳӣ ба шумор меравад. Мақсади таҳқиқотӣ диссертсионӣ асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ва таҳияи тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккул ва рушди онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда усулҳои умумии илмии таҳқиқот, аз ҷумла усули таснифот, абстрактӣ-мантиқӣ, монографӣ, оморӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва муқоисавӣ, усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва мантиқӣ, синтез истифода шудаанд.

Дар кори мазкур нақши сайёҳӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои кӯҳӣ, ба низом даровардани равишҳои муосир барои муайян кардани кластерҳои сайёҳӣ, муайян намудани заминаҳои рушди кластерҳои сайёҳии кӯҳӣ ва рекреатсионӣ ва омӯзиши тамоюлҳои рушди кластерҳои сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир мавриди барраси қарор дода шудааст.

Дар доираи кори диссертатсионӣ равишҳои муосири муайян кардани таркиби кластери сайёҳӣ, заминаи инфрасохтории кластери сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳо ва марҳилаҳои асосии маблағгузории кластерҳои сайёҳӣ ва дурнамои рушди кластерҳои сайёҳӣ дар ноҳияҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва мушаххас карда шуд.

Дар рафти тадқиқоти диссертатсия гипотеза тасдиқ карда шуд, ки истифодаи равиши мутавозин дар арзёбии иқтидори сайёҳӣ имкон медиҳад, ки мушкилоти асосӣ муайян карда шуда, самтҳои беҳбуди иқтидори сайёҳии ноҳияҳои кӯҳӣ муайян карда шаванд. Дар рисола инчунин принсипҳо ва меъёрҳои асосии ҷойгиркунии кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Барои татбиқи оқилонаи равиши кластерӣ дар соҳаи сайёҳӣ меъёрҳои асосии ҷойгиркунии объектҳои сайёҳӣ муайян гардида, модели ташаккули кластери сайёҳӣ дар ноҳияти Шаҳристони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пурзӯр намудани тадбирҳои дастгирии давлатӣ, инчунин хароҷоти асосӣ барои ташкил ва рушди кластери сайёҳӣ, даромад аз лоиҳаи мавҷуда ҳисоб ва пешгӯи карда шудааст

Хулоса ва тавсияҳои асосии тадқиқоти илмӣ метавонанд барои таҳияи тадбирҳои ташкилию иқтисодии ташкили кластери сайёҳӣ дар минтақаи кӯҳӣ ва идоракунии рушди он истифода шаванд. Истифодаи натиҷаҳои инфиродии кор оид ба ташаккули таркиби кластери сайёҳӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ, таҳлили заминаҳо ва омилҳои ташкили он манфиати муайяни амалӣ дорад. Маводҳои диссертатсияро дар раванди таълим ҳангоми тайёр кардан ва бозомӯзии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

## ANNOTATION

**for the dissertation of Mahkamov Furkat Fozilovich on the topic "Formation and development of tourist clusters in the mountainous regions of the Republic of Tajikistan" for the academic degree of Candidate of Economic Sciences in the specialty 08.00.04 – Industry economics (08.00.04.06 – Economics of the tourism sector).**

***Key words:*** *tourism, region, mountain regions, cluster, tourism cluster, tourism industry, tourist territories, tourism potential of the region, tourism infrastructure, tourism financing, tourism resources, tourism services, regional economy, PPP.*

Achieving strategic goals for the development of the national economy involves identifying priority sectors to ensure its competitiveness. One of these priority areas in the conditions of Tajikistan is the country's tourism sector, the importance of which in the structure of the national economy is justified by the presence of great potential for its development. In these conditions, governments of developed countries allocate large sums to improve tourism infrastructure, taking into account the implementation of strategic programs for the development of the industry. At the same time, a characteristic feature of the development of the tourism sector in these countries are measures related to the clustering of tourism companies. The purpose of the dissertation work is to substantiate the theoretical and methodological provisions for the formation and development of tourism clusters in mountainous regions and to develop scientific and practical recommendations for their formation and development in the conditions of the Republic of Tajikistan.

To solve the problems, general scientific methods of research were used, including classification, abstract-logical, monographic, statistical, methods of grouping and comparison, methods of logical and economic analysis, and synthesis.

The work examines the role of tourism in the socio-economic development of mountain regions, systematization of modern approaches to defining tourist clusters, identifying the prerequisites for the development of mountain tourist and recreational clusters, and studying the trends in the development of tourist clusters in the modern world. As part of the dissertation work, modern approaches to determining the composition of a tourism cluster were explored, the infrastructure basis of a tourism cluster in the regions of the Republic of Tajikistan was analyzed, the basic principles and stages of financing tourism clusters and the prospects for the development of tourism clusters in the mountainous regions of the Republic of Tajikistan were clarified. During the dissertation research, the hypothesis was confirmed that the use of a balanced approach in assessing tourism potential makes it possible to identify the main problems and identify areas for improving tourism potential in mountain regions. The work also defines the basic principles and criteria for placing tourist clusters in the regions of the Republic of Tajikistan. For the rational implementation of the cluster approach in the field of tourism, the main criteria for the placement of tourist facilities have been determined and a model has been developed for the formation of a tourist cluster in the Shahristan region of the Republic of Tajikistan, taking into account the intensification of government support measures, and the main costs for the organization and development of the tourist cluster and the income received from the ongoing project have been predicted .

The main conclusions and recommendations of scientific research can be used to develop organizational and economic measures to create a tourist cluster in a mountain region and to manage its development. Of certain practical interest is the use of individual results of the work to develop the composition of a tourist cluster in mountainous regions, and to analyze the prerequisites and factors for its creation. The dissertation materials can be used in the educational process during the training and retraining of specialists in the field of tourism.